# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи **Зоирзода Холмурод Сафаралӣ** дар мавзуи «**Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар асоси маводи «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия»)**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. –Душанбе, 2025. – 25 с.

Осори адабии охири қарнҳои XV ва ибтидои асри XVI дар инкишофи забони тоҷикӣ мақому манзалати хосеро дорад ва ин давра як навъ гузариш ба марҳилаи нави забони адабии тоҷики ҳавзаи Мовароуннаҳр маҳсуб меёбад ва то кунун роҷеъ ба забони осори адибони ин давра ҳарчанд чандин кори таҳқиқотӣ ба анҷом расида бошад ҳам, забони осори мансури Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ба таври алоҳидагӣ омӯхтаву таҳқиқ нагардидааст. Мавлоно Камолиддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз зумраи адибонест, ки осори пурғановатеро аз худ ба мерос гузоштааст ва он барои ҳамаи риштаҳои илми суханшиносӣ, хосса филологияи забоншиносӣ маводи фаровони қобили мулоҳизаро фароҳам овардааст. Ин аст, ки дар забоншиносии тоҷик донишмандон ба осори мондагори Ҳусайн Воизи Кошифӣ таваҷҷуҳи вижа доранд ва паҳлуҳои забонии осори ин адиби номварро ба риштаи таҳқиқ мегиранд. Ба таҳқиқи забонӣ гирифтани осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз ҷониби Зоирзода Холмурод Сафаралӣ иқдоми шоиста ва саривақтӣ буда, метавонад бо мубрамияю навгонияш саҳифаи тозаеро дар забоншиносии тоҷик боз намояд. Зеро то кунун дар забоншиносӣ пажуҳиши монографие дар мавзуи «**Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар асоси маводи «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия»)**» таълиф наёфта буд. Аз ин рӯ, таълиф ёфтани пажуҳиши диссертатсионӣ аз тарафи муҳаққиқи мазкур қобили дастгирӣ мебошад.

Мутолиаи автореферати диссертатсияи мавриди назар нишон медиҳад, ки Зоирзода Холмурод Сафаралӣ ковишҳои зиёде намуда, дар заминаи маводи фаровони адабӣ ва илмӣ таҳқиқоти худро ба анҷом расонидааст. Аз рӯйи мундариҷаи автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки

пажуҳиш аз муқаддима, се бобу понздаҳ фасл, хулоса ва китобнома иборат мебошад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия роҷеъ мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуи илмӣ ва дар бахши тавсифи умумии таҳқиқ мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, асосҳои назарӣ, методологӣ, сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ ва тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ зикр шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия **«Вомвожаҳои осори насрии Кошифӣ ва вижагиҳои забонии онҳо»** унвон дошта, аз **се фаслу чор зерфасл** таркиб ёфтааст. Дар ин боб таҳқиқу омӯзиши вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабӣ, мавқеи онҳо дар таркиби луғавии забони форсии тоҷикӣ дар асоси маводи осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Боби дуюми диссертатсия **«Вижагиҳои луғавии вомвожаҳои осори насрии адиб»** номгузорӣ шуда, аз шаш фасл иборат мебошад. Дар фаслҳои ин боб қабатҳои луғавӣ ва семантикии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ баррасӣ шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия **«Вижагиҳои сохтории вомвожаҳои осори насрии адиб»** ном дорад ва ин боб низ дар шаш фасл фароҳам омадааст. Дар фаслҳои дахлдори ин боб, асосан, вижагиҳои дастурию сохтории осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Хулосаи диссертатсия ва натиҷагирии он мувофиқи маълумоти фишурдаи он дар 15 банд ҷамъбаст шуда, ҳар яке аз онҳо натиҷагирӣ ва дастовардҳои илмии фаслу бобҳои диссертатсияро бозгӯйӣ намудаанд.

Дар баробари дастовардҳо дар матни автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки овардани онҳо дар корҳои баъдии диссертант муфид хоҳад буд:

1. Дар овардани мисолҳо, ки маводи таърихи забон аст, овонигорӣ сарфи назар шудааст. Агар мисолҳо бо овонигории лотинӣ оварда мешуд, шаҳомати кор боз дучанд меафзуд.

2. Дар таҳқиқот фасле доир ба вижагиҳои услубии вомвожаҳои арабӣ ҷудо мегардид ва ин паҳлуи масъала низ равшанӣ меёфт, беҳтар мебуд.

3. Дар матни автореферат ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ, техникӣ дида мешавад (саҳ.4, 5, 7...)

Ин камбудиҳо, албатта, ҳусни рисоларо намекоҳонанд ва зуд ислоҳ шавандаанд.

Дар маҷмуъ, аз рӯйи маводи фишурда, ки ба ду забон аст, ба чунин андеша омадан мумкин аст, ки диссертатсияи **Зоирзода Холмурод Сафаралӣ** дар мавзуи «**Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар асоси маводи «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия»)**» кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**МУҚАРРИЗ:**

доктори илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони тоҷикии
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» Қӯрғонов З. Д.

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, микр.19,
хонаи 9, ҳуҷраи 17.
Тел: (+992) 92 840 11 65
E-mail: suhanvar1983@mail.ru

**Имзои доктори илмҳои филологӣ, дотсент Қӯрғонов Зоҳид Деҳқоновичро тасдиқ мекунам:**

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Сайдуллозода З.С.

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.
Тамос: (+992) 928057007
E-mail: zarrina_14.10.70@mail.ru
Сомона: www.hgu.tj

«26»- уми марти соли 2025